## ТАҚРИЗ

ба автореферати рисолаи номзадии Раҳимов Ҷамшед Хуҷамуродович дар мавзӯи «Ташаккули донишҳои одитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа-PhD аз руйи ихтисоси 6D010200 – педагогика ва методикаи таълими ибтидои (илмҳои педагогӣ)

Диссертатсияи Раҳимов Ҷамшед Хуҷамуродович ба мавзуи мубрам– ташаккули донишҳои одитарини физикии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими математика бахшида шудааст. Дар натиҷаи таҳлили адабиёти педагогӣ, психологӣ, илмӣ-методӣ ва матбуоти даврӣ муаллиф ба хулосае меояд, ки ташаккули донишу мафҳумҳои физикиро зимни омӯзиши математика дар синфҳои ибтидоӣ оғоз намудан мумкин аст, ки ин дар натиҷа ба ташаккулёбии шавқу рағбати хонандагон ба илми физика, ҷаҳонбинии илмӣ-материалистии хонандагон, тафаккури зеҳнӣ мусоидат мекунад.

Дар кор аппарати методологӣ мантиқан дуруст кушода шуда, объект, предмет, фарзия, мақсад ва вазифаҳои тадқиқот саҳеҳ ва мухтасар ифода ёфтаанд.

Навгонии илмии тадқиқотро нуқтаҳои зерин ташкил медиҳанд:

- ✓ мазмун ва сохтори робитаи байнифаннии фанҳои табиӣ-математикӣ дар синфҳои ибтидоӣ аниқ ва дақиқ карда шуд;
- ✓ заминаҳои имконпазири ташаккули донишҳои одитарини физикии хонандагони синфхои ибтидоӣ зимни таълими математика ошкор гардид;
- ✓ роҳу усулҳои самараноки ташаккули донишҳои одитарини физикӣ дар раванди дарсу корҳои беруназдарсӣ дарёфт ва ҳамчун воситаи бедоркунии шавқу ҳаваси хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба фанни физика муайян шуд:
- ✓ дар озмоиш самаранокии системаи методии пешкашгардида санҷида шуд.

Аҳамияти назариявии тадқиқоти Раҳимов Ҷ.Х. аз он иборат аст, ки натиҷаххои бадастомада барои: коркарди системаи методии таълими фанҳои табиӣ-математикӣ тибқи амалисозии тамоили ҳамгирой ба назария ва методикаи таълими математика дар синфҳои ибтидой мусоидат менамояд; ташаккул додани шавқу ҳаваси маърифатии хонандагони синни хурди мактабӣ ба физика ва омода кардани онҳо ба омузиши мусалсали ин фан замина мегузорад.

Дар автореферат тамсилаи назариявии ташаккул додани шавқу ҳаваси маърифатии хонандагони синни хурди мактабӣ ба физика ва омода кардани онҳо ба омузиши мусалсали ин фан дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон муоина гаштааст.

Апробатсия ва татбиқи натиҷаҳои тадқиқот дар раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии № 7, №34, №53 ва №70-и шаҳри Душанбе, муассисаи давлатии таълимии литсейи №4 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №18, №50-и ноҳияи Панҷакент ба таври озмоиши педагогӣ ба роҳ монда шуда, натиҷаҳои он таҳлилу ҷамъбаст карда шудааст.

Натиҷаҳои тадқиқот дар шонздаҳ номгуй мақолаҳои илмӣ чоп гардидааст, ки аз онхо чортояшон ба маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқ доранд.

Рисола аз муқаддима, ду боб, озмоиши педагогӣ, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат буда, 179 саҳифаи чопи компютериро дарбар мегирад.

Автореферати пайдарпайи навишти мантиқӣ дошта, он дар сатҳи зарурии илмӣ мураттаб шуда, мазмун ва мӯҳтавои тадқиқоти гузаронидашударо дарбар мегирад. Кори пешниҳодгардидаи Раҳимов Ҷ.Х. тадқиқоти мустақилонаву ба анҷомрасонидашудаест, ки навгонии илмӣ, аҳамияти назариявию амалӣ дорад ва ба ҳамаи талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Ҳамаи инро ба инобат гирифта, гуфтан ҷоиз аст, ки муаллифи рисола – Раҳимов Ҷамшед

Хуҷамуродович сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа - PhD аз руйи ихтисоси 6D010200 — педагогика ва методикаи таълими ибтидои (илмҳои педагогӣ) мебошад.

Муқарриз, номзади илмҳои физикаю
математика, дотсенти кафедраи
математика ва физикаи
Донишгоҳи Славянии Россия
ва Тоҷикистон Гулбоев Б.Ҷ.

Имзои Гулбоев Б.Ҷ. – ро
тасдиқ менамоям.
Мудири шуъбаи кадрҳои
Донишгоҳи Славянии Россия
ва Тоҷикистон Раҳимов А.А.

20.06.2023